# **Интихоботи вакилон ба Маҷлиси вакилони халқи ВМКБ, вилоятҳои Хатлону Суғд ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба ивази вакилони хориҷшуда**

Тибқи моддаи 48 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» ба ҷойи вакилони хориҷшуда ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқи ВМКБ, вилоятҳои Хатлону Суғд, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ интихоботҳои миёнадаврӣ баргузор карда шуданд.

Дар ВМКБ дар давоми шаш моҳи соли ҷорӣ дар ҳавзаи интихоботии М.Назаршоев №36 шаҳри Хоруғ ва Тишор №25 ноҳияи Шуғнон интихоботи миёнадаврӣ ба ҷойи вакили хориҷшуда ба Маҷлиси вакилони халқи вилоят баргузор гардид.

Дар ҳамин давра дар ҳавзаҳои интихоботии Кӯлоб №5, Кӯшониён №16, №18, Ҷайҳун №45 интихоботи миёнадаврии вакилон ба Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон, дар ноҳияи Ҳамадонӣ ҳавзаҳои №№1, 6, Ҷ.Балхӣ №36, Хуросон №№6, 15, 26, 30 ва Кӯлоб №1 интихоботи миёнадаврӣ ба ҷойи вакили хориҷшуда ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқи шаҳру ноҳияҳои болозикр баргузор гардид.

Дар вилояти Суғд низ дар ҳавзаҳои интихоботии «Унҷӣ» №65 «Ваҳдат» №1, «Сабристон» №33, «Шаҳрак», №37, «Спитамен» №1, «Худойқул Бобоев» №21, «Далёни Боло» №35 интихоботи миёнадаврӣ ба ҷойи вакили хориҷшуда ба Маҷлиси вакилони халқи вилоят гузаронида шуд.

Интихоботҳои миёнадаврӣ дар шаҳри Душанбе низ баргузор гардиданд. Аз он ҷумла, дар ҳавзаҳои шаҳрии интихоботии №№2, 21, 32, 47 дар ноҳияҳои И.Сомонӣ, Шоҳмансур ва Сино, ҳавзаи ноҳиявии Сомонӣ №27 ба ҷойи вакилони хориҷшуда вакилони нав интихоб карда шуданд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар як қатор шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, аз он ҷумла дар шаҳри Турсунзода дар ҳавзаҳои интихоботии Наврӯз №5 ва Эфиронос №15, шаҳри Ҳисор, ҳавзаи интихоботии Ҷалолобод №35, ноҳияҳои Шаҳринав, ҳавзаи интихоботии Ҷамбул №3, Хоҷагулпӯш №4, Б.Ғафуров №27, Рӯдакӣ, ҳавзаи Деҳотӣ №1, Файзобод, ҳавзаи Ҳаймаҳмадӣ №4 ва Сари Сафедхок №26 низ интихоботи миёнадаврӣ ба ҷойи вакилони хориҷшуда баргузор карда шуд.

Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва коршиносони маҳаллии КМИР дар ташкили баргузории интихоботи миёнадаврӣ мусоидат намуданд. Интихоботҳои миёнадаврӣ бо риояи қатъии талаботи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ” барпо гардиданд.

Интихоботи миёнадаврӣ ба ҷойи вакили хориҷшуда дар ҳама ҳавзаҳои интихоботӣ бо ширкати фаъоли интихобкунандагон баргузор гардид.

Мутобиқи моддаи 42 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» дар ҳавзаҳои интихоботии болозикр интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои вакилони халқи ВМКБ, вилоятҳои Хатлону Суғд, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз тарафи комиссияҳои ҳавзавии интихобот баргузоргардида эътироф шуданд.